Замима ба
қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «___» ________ с.2019 №___

**Тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №176**
**«Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ"**

Ба Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ" тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Мундариҷа дар таҳрири зайл ифода карда шавад;

"Дастурамали мазкур тибқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", қисми 2 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" таҳия шуда, танзими фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои амонатии қарзии хурдро (минбаъд – ташкилотҳои қарзӣ), ба истиснои ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд тавассути муқаррар ва ҳисобкунии меъёрҳои мақбул таъмин менамояд.".

2. Дар банди 1:

– Эзоҳи 1 ва сархати 6 хориҷ карда шаванд;

– дар сархати 8 калимаи "алоқаманди" ба калимаҳои "вобастаи (алоқаманди)" иваз карда шавад;

– сархати 9 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

"– ҳадди ниҳоии пасандозҳо ва амонатҳои ҷалбшаванда (барои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд).".

3. Дар банди 3 калимаи "бонкҳои" ба калимаи "ҷамъиятҳои" иваз шуда, калимаи "ҳамаҷонибаи" хориҷ карда шавад.

4. Банди 5 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

"5. Ҳаҷми як қарзи хурди аз ҷониби ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ба шахсони воқеӣ додашуда, набояд аз маблағи ҳамарзиши 250 000 (дусаду панҷоҳ ҳазор) сомонӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ додашуда, набояд аз маблағи ҳамарзиши 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ зиёд бошад. Ҳаҷми як қарзи хурди ба дигар ташкилотҳои қарзӣ додашуда, набояд аз маблағи ҳамарзиши 1 500 000 (як миллиону панҷсад ҳазор) сомонӣ зиёд бошад.".

5. Дар сархати 5 банди 7 калимаи "алоқаманд" ба калимаҳои "вобаста (алоқаманд)" иваз карда шавад.

6. Дар банди 8:

– дар сархати 2 пеш аз калимаи "пешниҳод" калимаҳои "аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ" илова карда шаванд;

– пас аз сархати 2 сархати нав бо мазмуни зайл илова карда шавад:

"– аз ҷониби ташкилотҳои амонатии қарзии хӯрд пешниҳод намудани қарзҳои нав ба маблағи аз 50 000 (панҷоҳ ҳазор) сомонӣ зиёд ё аз маблағи мазкур зиёд намудани ҳудуди қарзгирии муштариёни ҷойдошта;";

– дар сархати 4 пас аз калимаи "нозирон" калимаҳои "(ё мақоми ба он баробар)" илова карда шаванд;

– дар сархатҳои 4 ва 5 калимаи “алоқаманди” ба калимаҳои “вобастаи (алоқаманди)” иваз карда шавад.

7. Банди 10 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

“Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии навтаъсис ба маблағи 30 миллион сомонӣ ва барои ташкилотҳои амонатии қарзии хурди навтаъсис ба маблағи 6 миллион сомонӣ муқаррар карда мешавад.”.

8. Банди 12 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“12. Қисми ғайрипулии сармояи оинномавии ташкилоти қарзӣ аз ҳисоби дороиҳои моддӣ, махсусан: таҷҳизоти ташкилоти қарзӣ (техникаи ҳисоббарор, мебели корӣ ва кондитсионер) ва биноҳо (манзилҳо), ки он ҷо ташкилоти қарзӣ ҷойгир аст, ба ҷуз сохтмонҳои ба анҷомнарасида, ташаккул меёбад ва он ҳангоми ҳисобкунии сармояи танзимшаванда ба инобат гирифта намешавад.”.

9. Банди 26[1] бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“26[1]. Сармояи танзимшавандаи ташкилотҳои амонатии қарзии хурд набояд аз 6 миллион сомонӣ кам бошад.”.

10. Бобҳои 6 ва 7 дар таҳрири зайл ифода карда шаванд:

## “ 6. АНДОЗАИ НИҲОИИ ХАВФ БАРОИ ЯК ҚАРЗГИР Ё ГУРӮҲИ ҚАРЗГИРОНИ АЛОҚАМАНД (КЗ-1)

39. Андозаи ниҳоии хавф ба як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд аз сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ бо фоиз муқаррар карда мешавад.

40. Ду ё зиёда қарзгироне (шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ), ки байни якдигар алоқамандии ҳуқуқӣ ва ё иқтисодиро доранд, гурӯҳи қарзгирони алоқаманд ҳисобида шуда, ҳангоми ҳисоб намудани меъёри мақбули КЗ-1 уҳдадориҳои қарзии умумии онҳо ҷамъ карда мешаванд.

41. Қарзгирон байни якдигар алоқамандии ҳуқуқӣ доранд, агар яке аз ҳолатҳои зерин ҷой дошта бошад:

– як қарзгир (шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ) дорои ваколати назоратии тибқи қонунгузории бонкӣ муайяншуда аз болои дигар қарзгир (шахси ҳуқуқӣ) дошта бошад;

– ду ё зиёда қарзгирон (шахсони ҳуқуқӣ) таҳти ваколати назоратии тибқи қонунгузории бонкӣ муайяншудаи як шахс (воқеӣ ё ҳуқуқӣ) қарор доранд, новобаста аз доштани ин шахс дар назди ташкилоти қарзӣ уҳдадории қарзӣ;

42. Қарзгирон байни якдигар алоқамандии иқтисодӣ доранд, агар яке аз ҳолатҳои зерин ҷой дошта бошад:

– маблағи қарзи як ё зиёда қарзгирон ба қарзгири дигар интиқол дода шудааст ё барои манфиати бевоситаи он истифода бурда шудааст;

– маблағи қарзи ду ё зиёда қарзгирон ё дороиҳои бо маблағи чунин қарз харидашуда, ба шахси дигаре, ки қарзгир намебошад, интиқол дода шудааст ё ба манфиати бевоситаи чунин шахс истифода бурда шудааст, ба истиснои аҳдҳои байни шахсони мустақил софдилона басташуда, ки маблағҳои онҳо барои харидории молу ё хизматрасонӣ истифода бурда шудаанд;

– ду ё зиёда қарзгирон барои иҷрои уҳдадории қарзии худ дар назди ташкилоти қарзӣ аз як сарчашма истифода мебаранд, аз ҷумла қарзгирон маблағи қарзро барои ташкили ширкати умумӣ ё фаъолияти якҷоя истифода мебаранд, инчунин қарзгирон маблағи қарзро барои харидории шахси ҳуқуқие, ки онҳо якҷоя назорат менамоянд, истифода мебаранд;

– ду ё зиёда қарзгирон ҳамчун таъминоти қарз байни якдигар зомин ё кафил шудаанд;

– ҳамчун таъминоти қарзҳои ду ё зиёда қарзгирон, як шахс зомин ё кафил шудааст, новобаста аз доштани ин шахс дар назди ташкилоти қарзӣ уҳдадории қарзӣ;

– ду ё зиёда қарзгирон ҳамчун таъминоти қарзҳои худ як амволро истифода бурдаанд;

– аз 25 фоиз зиёди даромадҳои қарзгир аз фурӯши мол ё хизматрасониҳо ба дигар қарзгир бар меояд, агар харидории ин молу хизматрасониҳо аз тарафи дигар шахсон озодона иваз карда нашавад;

– қарзгирони шахсони воқеӣ корфармои ягона доранд, ки ин корфармо низ дар назди ташкилоти қарзӣ дорои уҳдадории қарзӣ мебошад;

– дигар ҳолатҳое, ки устувории молиявии яке аз қарзгирон ба устувории молиявии дигар ё дигарон метавонад таъсир расонад.

43. Андозаи ниҳоии хавф ба як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд (К3-1) чунин муайян карда мешавад:

$$\text{К}\mathbf{3-1} = \frac{\text{Қк}}{\text{Ст}} * \mathbf{100\%},$$

ки дар ин ҷо: **Қк** – маблағи умумии уҳдадориҳои қарзии қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд дар назди ташкилоти қарзӣ, ки тибқи банди 45 Дастурамали мазкур муайян карда мешавад;

**Ст** – Сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ.

**Ҳадди ниҳоии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд (К3-1) ба андозаи на зиёда аз 20%-и сармояи танзимшаванда муқаррар карда мешавад.**

44. Муқаррароти банди 43 Дастурамали мазкур нисбат ба уҳдадориҳои қарзии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё уҳдадориҳои қарзии таҳти кафолати он татбиқ намегардад.

45. Ҳангоми муайян намудани андозаи ниҳоии хавфи қарзӣ, ба бақияи холиси умумии уҳдадориҳои қарзӣ (тавозунӣ ва ғайритавозунӣ) инҳо дохил мешаванд:

– маблағи умумии қарзҳо;

– маблағи хатҳои қарзии кушодашудае, ки ҳоло аз тарафи қарзгир маблағи он гирифта нашудааст;

– маблағи фоизҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда;

– маблағи эътиборномаҳои (аккредитивҳои) додашуда;

– маблағи уҳдадориҳо аз рӯи шартномаҳои асъорие, ки аз тарафи қарзгир то ҳол пардохт нашудаанд (шартномаҳои СПОТ, СВОП ё Форвард);

– маблағи кафолатҳои додашуда;

– маблағи коғазҳои қиматноки қарзӣ ва ё саҳмияҳо (ҳиссаҳо), ки ташкилоти қарзӣ доро мебошад;

– маблағи таҳти ҳисоб додашуда ё ҳаргуна маблағгузориҳои дигар.

## 7.АНДОЗАИ НИҲОИИ ХАВФ БАРОИ ҚАРЗҲОИ КАЛОН (К3-2)

46. Дар ҳолати маблағи умумии уҳдадориҳои қарзии як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд дар назди ташкилоти қарзӣ, ки тибқи банди 45 Дастурамали мазкур муайян карда мешавад, аз 5 фоизи сармоя танзимашавандаи ташкилоти қарзӣ зиёд будан, ҳамчун қарзи калон ҳисобида мешавад.

**47. Пешниҳоди қарзҳои калон бояд аз ҷониби Шурои нозирони (ё мақоми ба он**

**баробари) ташкилоти қарзӣ тасдиқ гардад. Дар пайнавишти ҷаласаи Шурои нозирон (ё мақоми ба он баробар) бояд оид ба тасдиқи додани ин гуна қарз, инчунин натиҷаи овоздиҳии ҳар як узви Шурои нозирон (ё мақоми ба он баробар) мушахасса дарҷ шуда бошад.**

48. Андозаи ниҳоии хавф барои қарзи калон ҳамчун таносуби маблағи умумии уҳдадориҳои қарзии як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд дар назди ташкилоти қарзӣ (S Қк), ки тибқи банди 45 Дастурамали мазкур муайян карда мешавад,ва сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ (Ст) муайян карда мешавад.

$$\text{К}\mathbf{3-2}=\frac{\mathbf{S\ Қк}}{\text{Ст}}*\mathbf{100\%}$$

**Андозаи ниҳоии хавф барои қарзҳои калон ба андозаи на зиёда аз 3 маротибаи сармояи танзимшаванда муқаррар карда мешавад.**

49. Муқаррароти банди 48 Дастурамали мазкур нисбат ба уҳдадориҳои қарзии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё уҳдадориҳои қарзии таҳти кафолати он татбиқ намегардад.”.

11. Боби 8 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**“8. АНДОЗАИ НИҲОИИ ХАВФ БАРОИ ШАХСОНИ ВОБАСТА (АЛОҚАМАНД) (К4)**

**51. Андозаи ниҳоии хавф ба як қарзгир-шахси вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ (К4-1) чунин муайян карда мешавад.**

$$\text{К}\mathbf{4-1}=\frac{\mathbf{Қс}}{\text{Ст}}*\mathbf{100\%},$$

ки дар ин ҷо: **Қс** – маблағи уҳдадориҳои қарзии як қарзгир-шахси вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ, ки тибқи банди 45 Дастурамали мазкур муайян карда мешавад;

**Ст** - сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ.

**Андозаи ниҳоии хавф ба як қарзгир-шахси вобаста (алоқаманд) (К4-1) то 2%-и сармояи танзимшаванда муқаррар карда мешавад.**

52. Ба ғайр аз ин, хавфи умумии қарзҳое, ки ба шахсони вобастаи (алоқаманди)ташкилоти қарзӣ дода шудааст (К4-2), наметавонад аз **10%-и** сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ зиёд бошад. Меъёри мақбули К4-2 чунин муайян карда мешавад:

$$\text{К}\mathbf{4-2}=\frac{\boldsymbol{S}\mathbf{Қс}}{\text{Ст}}*\mathbf{100\%},$$

ки дар ин ҷо: **SҚс –** ҷамъи маблағи уҳдадориҳои қарзиишахсони вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ, ки тибқи банди $45^1$ Дастурамали мазкур муайян карда мешавад;

**Ст** - сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ.

53. **Шахсони вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ** шахсоне мебошанд, ки тибқи қонунгузории бонкӣ муйаян карда шудаанд.

54. Ташкилоти қарзӣ наметавонад бо шахсони вобаста (алоқаманд) амалиётҳои зеринро гузаронад, агар:

– қарз ё дигар амалиёт, ки шартҳои онҳо ба таври хаттӣ аз ҷониби аксарияти аъзои Шӯрои нозирон (ё мақоми ба он баробар) бо тартиби дар бандҳои $58^1$ ва $58^2$Дастурамали мазкур пешбинишуда ба расмият даровarда нашудааст ё дар ҳолати филиали бонки хориҷӣ аз тарафи роҳбари он маъқул дониста нашудааст;

– фоиз ва ҳаққи хизматрасонии гирифташаванда аз рӯи қарз ва дигар амалиётҳо аз меъёри бозории амалкунанда барои чунин амалиётҳо пасттар бошад;

– фоиз ва ҳаққи хизматрасонии пардохтшаванда аз рӯи амонат (пасандоз) ва дигар амалиётҳо аз меъёри бозории амалкунанда барои чунин амалиётҳо зиёдтар бошад;

– муҳлати қарз ваё барасмиятдарории он барои ин гуна шахсон назар ба дигар шахсон бартарият дошта бошад;

– қарзи пешниҳодшаванда ба ин гуна шахсон бе таъмин бошад;

–муҳлати амонат (пасандоз) ва шарту шароити он аз дигар амонатҳои (пасандозҳои) мавҷудбуда моҳиятан фарқ дошта бошад;

– қарзи ба кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ додашуда, аз ҷумла ҳар гуна қарзи аз тарафи як ё якчанд бонки фаръии ташкилоти қарзӣ додашуда аз сӣ фоизи даромади солонаи ин шахс зиёд бошад.

55. Дар давоми ду соли аввали фаъолияти ташкилоти қарзӣ  додани қарз ба шахсони вобаста (алоқаманд) манъ аст.

56. Қарори Шӯрои нозирони (ё мақоми ба он баробари) ташкилоти қарзӣ оид тасдиқи аҳд бо шахси вобаста (алоқаманд) дар асоси ифшои пурраи ҳамаи шарту шароитҳо аҳд қабул карда мешавад. Мушаххасоти баррасии масъала ва далелҳо оид ба он, ки ин амалиёт одилона буда, ба манфиати ташкилоти қарзӣ ҷавобгӯ аст, дар пайнавишти маҷлиси Шӯрои нозирон (ё мақоми ба он баробар) бояд сабт карда шавад. Ташкилоти қарзӣ бояд сабти хаттии чунин қарор ва пайнавиштро, аз ҷумла ифшои шарту шароитҳои амалиётро, бо ному насаби аъзои Шӯрои нозирон (ё мақоми ба он баробар), ки ҳамин амалиётро тасдиқ кардаанд, нигоҳ дорад.

57. Узви Шӯрои нозирони (ё мақоми ба он баробари) ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ надорад, ки дар давраи баррасӣ ва тасдиқи амалиёт байни ташкилоти қарзӣ ва шахсони зерин, иштирок намояд:

– байни ташкилоти қарзӣ ва худи ӯ;

– байни ташкилоти қарзӣ ва аъзои оилаи ӯ;

– байни ташкилоти қарзӣ ва ҳама гуна шахсони ҳуқуқӣ, ки дар он худи ӯ ё аъзои оилаи ӯ ҳиссаи иштироки афзалиятнок доранд ё узви Шӯрои нозирон (ё мақоми ба он баробар), мақоми иҷроия мебошанд ё дар вазифаи ба онҳо баробар дар ин шахси ҳуқуқӣ кор мекунанд.

58. Ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст оид ба ҳама гуна амалиётҳои бо шахсони вобастаи (алоқаманди) худанҷомдодашуда, ки аз маблағи ҳар яки он аз 10 000 сомонӣ зиёд мебошад, ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳар семоҳа, дар давоми як моҳ баъд аз анҷоми семоҳаи тақвимӣ, ҳисобот диҳад. Ин гуна ҳисобот бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

–ному насаби шахси вобаста (алоқаманд);

–алоқаи вобастагӣ;

–маблағи амалиёт;

–намуди амалиёт, шарт ва мӯҳлати он;

–ҳолати ҷории амалиёт.

58[1]. Ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ надорад аз шахсони вобастаи (алоқаманди) худ қарзҳои ғайрифаъол, қарзҳои таҷдидшуда ё гарави барои бозфурӯш гирифташудаи онҳоро харидорӣ намояд.

58[2]. Ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ надорад, ки ба ҳама гуна шахсон барои мақсадҳои зерин, қарз диҳад:

–барои пардохти уҳдадории худ дар назди шахси вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ;

–барои пардохти уҳдадории шахси вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ дар назди ташкилоти қарзӣ ё дигар шахсон;

–барои харидорӣ намудани доройӣ аз шахси вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ;

– барои сармоягузорӣ намудан ба фаъолияти хоҷагидории (тиҷорати) шахси вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ.”.

12. Дар номгӯи боби 9 пас аз калимаи “САҲМИЯҲОИ” калимаи “(ҲИССАҲОИ)” илова карда шавад.

13. Дар банди 59:

– пас аз кадимаи “саҳмияҳои” калимаи “(ҳиссаҳои)” илова карда шавад;

– ҷумлаи охирони банди 59 хориҷ карда шавад.

14. Пас аз банди 59 банди 60 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“60. Ҳангоми аз ҷониби ташкилоти қарзӣ харид намудан ё соҳиб шудани саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дигар шахсони ҳуқуқӣ санади меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба талаботи сармоягузорӣ бояд риоя карда шавад.”.

15. Номгӯи боби 10 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

“**10. МЕЪЁРИ ҲАДДИ НИҲОИИ ПАСАНДОЗҲО ВА АМОНАТҲОИ ҶАЛБШАВАНДА БАРОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ҒАЙРИБОНКӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД(К7)**”.

16. Дар банди 62[1] пас аз калимаи “нозирон” калимаҳои “(ё мақоми ба он баробар)” илова карда шаванд.

17. Дар банди 62[2] пас аз калимаи “нозирони” калимаҳои “(ё мақоми ба он баробари)” илова карда шаванд.